**Дар Шӯрои омӯзгорони литсейи Оғохони ш.Хоруғ
аз 29 март 2019, №8 тасдиқ гардидааст.**

# Қоидаи талабагии литсейи Оғохони шаҳри Хоруғ

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1 Қоидаҳои талабагии литсей дар асоси талаботҳои Қонун " Дар бораи маориф", Консепсияи тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистонаи, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва Оинномаи литсейи Оғохон тартиб дода шудаанд.

1.2 Қоидаҳои мазкур меъёрҳои асосӣ ва қоидаҳои рафтори хонандагонро дар дохили литсей ва ҳудуди он, талаботҳо нисбати иштироки хонандагон дар чорабиниҳои берун аз синфӣ ва берун аз литсейро ба танзим медарорад.

## 2. Мақсади қоидаҳо:

2.1 Муҳайё намудани муҳити мусоид баҳри ташкили раванди таълиму тарбия;
2.2 Таъмин намудани азхудкунии пурраи барномаи таълимӣ;
2.3 Тарбияи эҳтироми шахс ва таъмини ҳуқуқҳои хонандагон;
2.4 Инкишофи маданияти рафтор ва муомила байни ҳамдигар;

## 3. Вазифаҳои умумии хонандагон:

3.1 .Чумхурии Точикистон Ватани азизи худро дуст доранд.
3.2. Рамзхои давлат - Парчам ва нишонро эхтиром кунанд.
3.3. Суруди Миллиро донад. Забони давлатиро эхтиром кунанд.
3.5 Мероси ниёгонро омӯзад ва эхтиром кунанд. Ватан дӯсту башардӯст бошад, ифтихори баланди Миллӣ дошта бошанд.
3.6. Қоидаҳои талабагӣ, қарорҳои Шӯрои омӯзгорон, қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва зиддисӯхторро риоя намуда, талаботҳои маъмурият ва омӯзгоронро баҳри таъмини бехатарии раванди таълим иҷро намоянд.
3.7. Дар ҳудуди литсей ва берун аз он чунон рафтор намоянд, ки намунаи ибрати

дигарон бошанд.

3.8. Ба дарсҳо сари вақт ҳозир шуда, бе сабаб аз дарсҳо дер намонад.Дар ҳолати беморӣ хонанда бояд ба роҳбари синф тасдиқномаи тиббиро оиди беморияш пешниҳод намояд.

3.9. Дар корҳои ҷамъиятии литсей фаъолона иштирок намоянд.

3.10. Ба кормандон ва меҳмони литсей салом дода, нисбати калонсолон ҳурмату эҳтиром зоҳир намоянд ва нисбати хурдсолон ғамхорӣ кунанд. Ба калонсолону омӯзгорон ҷо диҳанд.

3.11. Ҳолатҳои баҳсу мунокишаро бо назардошти ҳурмату эҳтироми ҳамдигар ба созиш оваранд. Барои ёрӣ дар ҳалли ин масъала ба роҳбари синф, маъмурият ва равоншинос муроҷиат намоянд.

3.12. Моликияти литсейро эҳтиёт намуда, дар таъмир ва нигоҳдошти он ёри расонанд.Дар ҳолати зарар расондан ба моликияти литсей, он аз ҳисоби падару модар баркарор карда мешавад

3.13. Ба ҳолати зоҳирии худ аҳамият диҳанд, либоси ягонаи литсей (барои писарбачагон- костюми сабз , нимтанаи сабз, брюки сиёҳ , куртаи сафед , галстук , пойафзоли сиёҳ ва барои духтарон-костюми сабз, юбкаи сабз, пероҳани сафед, пойафзоли сиёҳ) риоя кунанд.

**4. Омадан ва рафтан ба литсей.**

4.1. Ба литсей 10–15 дақиқа пеш аз саршавии ҷамъомади пагоҳирӯзӣ бо либоси тоза ва дарзмолшуда ҳозир гарданд.

4.2. Бо худ доштани ҳамаи маводҳои таълимие, ки барои дарс лозиманд ва аз он ҷумла рӯзномаи хонанда ;

4.3 Ба бинои литсей танҳо бо либоси расмие, ки муайян шудааст ҳозир шаванд, дар мавсими зимистон бошад хонандагон либосҳои болоиро кашида, дар синфхонаҳои вобаст кардашуда мегузаранд.

4.4. Пеш аз саршавии дарс хонандагон мувофиқи ҷадвали дарсӣ , то садо додани занг назди синфхона ҳозир шуда, бо иҷозати омӯзгор вориди синф шуда, ба дарс тайёр мешаванд.

4.5. Ба хонандагон дар дохили макатаб ҳангоми дарс гаштугузор кардан бе ягон сабаб катъиян манъ аст

4.6. Дар литсей баъд аз дарс танҳо он хонадагон меистанд ,ки мувофиқи ҷадвал ба

корҳои ҷамъиятӣ, дарсҳои иловагӣ машғуланд ва ё ин ки дар маҳфилҳо ширкат меварзанд

**5. Рафтор дар рафти дарс**

5.1 Хонандагон дар синфхона мувофиқи тартиби муайян кардаи омӯзгори фаннӣ ё роҳбари синф мешинанд ;

5.2. Ҳар як омӯзгори фаннӣ қоидаҳои хоси рафтор дар вақти дарсро дорад, ки ба қонунҳои мавҷудаи ҶТ ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ мухолиф нестанд ва иҷрои онҳо аз тарафи хонандагон дар вақти дарс ҳатмист.

5.3. Пеш аз саршавии дарс хонандагон ҷойи кори худро (дафтар, китоб, рӯзнома ва қалам) омода месозанд.

5.4. Дар ҳолати дер мондани хонанда бо иҷозати омӯзгор вориди синф шуда,барои дермониаш узр мехоҳад ва барои нишастан иҷозат мепурсад.

5.5. Ҳангоми ба синф ворид шудани омӯзгор хонандагон аз ҷой бархоста,
салом медиҳанд ва бо иҷозати омӯзгор ба ҷояшон менишинанд. Бо ин тарз хонандагон ҳамаи калонсолонеро, ки ба синф ворид мешаванд, истиқбол мегиранд.

5.6.Вақти дарси танҳо барои омӯзиш ва дарсазхудкунӣ сарф мешавад.Ҳангоми дарс мағал кардан, бо гапҳои берун аз дарс атрофиёнро банд кардан ва бозӣ кардан манъ аст.

5.7. Бо талаби омӯзгор хонанда рӯзномаашро пешниҳод мекунад. Рӯзнома ҳуҷҷати асосии хонанда буда, бо ҳусни хати зебою, тоза пур карда мешавад ва охири ҳафта аз тарафи роҳбари синф тафтиш карда мешавад. Волидон пас аз тафтиши рӯзнома имзои худро мегузоранд.

4.8. Агар барои хонанда бо зарурат берун баромадан лозим бошад, ӯ бояд аз омӯзгор иҷозат пурсад.

4.9. Занги анҷоми дарс барои омӯзгор аст. Танҳо пас аз иҷозати омӯзгор
хонандагон ҷойи кори худро ба тартиб дароварда, аз синф мебароянд.

4.10. Хонандагон дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ бояд ҳатман либоси варзишӣ ва пойафзоли махсус дошта бошанд. Дар ҳолати надоштани ин гуна либос, хонандагон дар толор ё синфхона мемонанд, вале ба дарсҳо роҳ дода намешаванд.

**5. Рафтор дар вақти танаффус**

5.1. Хонандагон вақти танаффусро бояд барои дамгирӣ истифода намоянд.

5.2. Ҳаракат дар роҳравҳо зинапоя, гузаргоҳҳо аз тарафи рост амалӣ мегардад.

5.3. Хангоми танаффус ин амалҳо ва ҳаракатҳо мамнӯъ мебошанд:

- мағал кардан, ба дигарон халал расонидан, дар зинапояҳо, назди тирезаҳо ва ҷойҳои дигар давидан;
- якдигарро тела додан, ба ҳамдигар ҳар гуна ашёҳоро партофтан, зӯроварӣ кардан;
- истифодаи суханҳои қабеҳ ва ҳар гуна имову ишораҳои номатлуб.

**6. Рафтор дар ошхона**

6.1. Хонандагон қоидаҳои гигиениро риоя мекунанд; пеш аз даромадан ба ошхона дастонашонро мешӯянд.

6.2. Хонандагон дар ошхона аз рӯйи навбат харидорӣ мекунанд ва тартибу интизомро риоя менамоянд.

6. 3 . Истеъмоли хӯрок ва нӯшокиҳо, ки аз ошхона харидорӣ шудааст ё бо худ оварда шудааст, танҳо дар ошхона мумкин аст. Хонандагон пас аз истеъмоли хӯрок косаю табақи худро ба нуқтаи муайяншуда месупоранд.

**7. Рафтор ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои берун аз синфӣ**

7.1. Пеш аз гузаронидани чорабиниҳо, хонандагон ҳатман бо қоидаҳои техникаи бехатарӣ шинос карда мешаванд.

7.2. Ҳангоми гузаронидани чорабинӣ хонанда бояд ҳатман ҳама нишондодҳои роҳбарро иҷро намояд. Ҳама гуна рафторе, ки барои ҳаёти хонанда ва атрофиён таҳдидомез аст, манъ аст.

7.3. Хонандагон бояд тартибу интизомро риоя намуда, аз гурӯҳи худ ҷудо нашаванд.

7.4. Қоидаҳои гигиенаи шахсиро риоя намуда , дар ҳолати бад шудани саломатӣ ё гирифтани ягон ҷароҳат сари вақт ба роҳбар муроҷиат намоянд.

7.5. Истифодаи оташ ( шамъ, ашёҳои тарканда , гулхан ва ғайра ), истифодаи моддаҳои химиявӣ, ашёҳои пиротехникӣ ва дигар маводҳо , ки сӯхторро ба амал меоранд, манъ аст ;

7.6.Хонандагоне , ки чизҳои гумшуда ё фаромӯшшударо ёфтаанд, онҳоро ба роҳбари синф месупоранд ;

**8 . Рафтор ва ҳаракатҳое, ки дохили литсей мамнӯъ мебошанд:**

- истифодаи ҳамагуна зӯроварӣ, суханҳои қабеъ, амалҳое, ки шаъну шарафи инсонро паст мезананду ба шахс ҳисороти маънавӣ мерасонанд;
- баромадан аз ҳудуди литсей бе иҷозати маъмурияти литсей ;
- воридшавӣ пас аз занги даромад ба бинои литсей ;
- ба литсей ва ҳудуди он овардани корд, аслиҳа , маводҳои кимиёвӣ, тарканда ва сӯзанда, тамоку, нӯшокиҳои спиртӣ, доруҳои ҳархела ( танҳо пас аз тавсияи духтури литсей ) ,инчунин маводҳои мухаддиру заҳрдор , ва ғайра;
- овардан ва истифодаи телефони мобилӣ;
- кашидани тамоку дар литсей;
- истифодаи суханҳои қабеҳ ва дағал ;
- бе зарурият дар дохили бино бо либоси болоӣ( куртка, палто, телпак) гаштан;
- омадани духтарон бо зару зевар, овезон кардани гушвораҳои калон, рангу бор, муйи кушода , ангуштарин ва занҷири гардан ;
- омадани писарон бо муйҳои дароз, бо риши нотарошида,бо либосҳое, ки ба талаботи мактаб ҷавобгӯ набуда ;